# Ҳеҷ мусалмоне нест, ки вақти намози фарзиаш фаро расад ва ба хубӣ таҳорат кунад ва бо хушуъ ва фурутанӣ намозашро анҷом диҳад, магар ин ки каффораи гуноҳони пеш аз он омадааш хоҳад шуд, агар муртакиби гуноҳи кабира нашуда бошад. Ва ин барои ҳамеша аст

Аз Усмон (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Шунидам, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд: "Ҳеҷ мусалмоне нест, ки вақти намози фарзиаш фаро расад ва ба хубӣ таҳорат кунад ва бо хушуъ ва фурутанӣ намозашро анҷом диҳад, магар ин ки каффораи гуноҳони пеш аз он омадааш хоҳад шуд, агар муртакиби гуноҳи кабира нашуда бошад. Ва ин барои ҳамеша аст."
[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баён намуданд, ки мусалмоне нест, ки вақти намози фарзаш фаро расад ва таҳораташро ба хубӣ ва комил анҷом диҳад ва дар намозаш хошеъ бошад, тавре ки дил ва ҳама узвҳои ӯ рӯ ба рӯи Аллоҳ бошанд ва бузургии Аллоҳро ба ёд оварда ва корҳои намозро, монанди рукуъ ва саҷдаҳо ба шакли комил анҷом диҳад, магар ин ки ин намоз гуноҳони сағираи пеш аз худро пок мекунад, то вақте ки муртакиби гуноҳи кабира нашуда бошад. Ва ин фазилат дар тӯли замон ва дар ҳама намозҳо аст.



النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee